

# ДАР ИҶРОИ ВАЗИФА:

## ОЗОРУ АЗИЯТ, ТАЪҚИБИ СУДӢ ВА ЗИНДОНӢ КАРДАНИ АДВОКАТҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДАР ИҶРОИ ВАЗИФА:**
ОЗОРУ АЗИЯТ, ТАЪҚИБИ СУДӢ ВА ЗИНДОНӢ КАРДАНИ АДВОКАТҲО ДАР ТОҶИКИСТОН
Amnesty International

AMNESTY INTERNATIONAL

**Amnesty International ҷунбиши глобалии зиёда аз 7 миллион одамонест, ки барои ҷаҳоне, ки дар он ҳама аз ҳуқуқи инсонии худ бархурдоранд, мубориза мебаранд.**

**Назари мо ин аст, ки ҳама аз ҳуқуқҳои дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва меъёрҳои дигари байналмилалии ҳуқуқи инсон дарҷшуда бархурдор бошанд.**

**Мо аз ҳамагуна ҳукумат, мафкураи сиёсӣ, манфиати иқтисодӣ ё дин мустақилем ва асосан аз тарафи аъзо ва хайрияҳои аҳли ҷомеа сармоягузорӣ мешавем.**

© Amnesty International 2017
Ба истисноии ҳолатҳое, ки ба таври дигар омадааст, мазмуни ин ҳуҷҷат дар асоси Creative Commons licence (атрибутсия, ғайритиҷоратӣ, ғайриистеҳсолӣ, байналмилалӣ 4.0) муҷаввaз шудааст.
https://creativecommons.org/licenses/by-nc-nd/4.0/legalcode
Барои иттилои бештар, лутфан ба саҳифаи иҷозатдиҳии сомонаи мо нигаред:
www.amnesty.org
Дар он ҳолатҳое, ки ҳуқуқи муаллифӣ ба мавод ба Amnesty International тааллуқ надорад, ба ин гуна мавод талаботи Creative Commons licence паҳн намегардад.

Бори аввал соли 2017 аз тарафи
Amnesty International Ltd нашр шудааст.
Peter Benenson House, 1 Easton Street
London WC1X 0DW, UK

**Index: EUR 60/6266/2017**
**Original language: English**

***Cover photo:*** *© BCFC*

**amnesty.org**

AMNESTY INTERNATIONAL

# МУНДАРИЧА

**1. ХУЛОСА** 4

**2. САРКУБИ ДИГАРАНДЕШИИ ҚОНУНӢ БА НОМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ** 6

**3. МУХОЛИФОНИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ** 8

**4. МАҲДУДКУНИИ ОЗОДИИ БАЁН** 10

**5. МАҲДУД КАРДАНИ МУСТАҚИЛИЯТИ АДВОКАТҲО** 11

**6. ОЗОРУ АЗИЯТ, ТАЪҚИБИ СУДӢ ВА ЗИНДОНӢ КАРДАНИ АДВОКАТҲО** 13

ТАЪҚИБИ СУДИИ БУЗУРГМЕҲР ЁРОВ ВА АДВОКАТҲОИ БО ВАЙ АЛОҚАМАНД 15

**7. ТАВСИЯҲО** 17

БА МАҚОМОТИ ТОҶИКИСТОН 17

БА ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲОИ ТОҶИКИСТОН 17

БА ҶОМЕАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 18

БА ШАРИКОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН 18

БА АНҶУМАНИ АДВОКАТҲОИ КАСБӢ 18

# 1. ХУЛОСА

## “Ман экстремист нестам, адвокат ҳастам”

Сухани охирини адвокат Бузургмеҳр Ёров дар мурофиаи судиаш дар Душанбе, 3 октябри соли 2016

Тоҷикистон санаи 26 май “Рузи касбии адвокатҳо”-ро ҷашн мегирад. Маҳз дар ҳамин руз 95 сол пеш аввалин иттиҳодияи адвокатҳо (вакилони дифоъ) дар Тоҷикистон ташкил шуда буд. Аммо адвокатҳо барои таҷлили ин ҷашн асоси зиёде надоранд: ин ҷашн ба вақте рост меояд, ки кишвар торафт аз ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун руй мегардонад ва вакилони дифоъ ҳангоми иҷрои вазифаи касбии худ ба монеаҳои бузург дучор мешаванд. Дар Тоҷикистони имруза  адвокат, хусусан адвокати ҳуқуқи инсон будан маънои бо хатарҳои бемисл рубару шуданро дорад.

Дар солҳои охир қариб ҳамаруза дар тамоми ҷанбаъҳои ҳаёти ҷомеа ба зарурати ҳифзи сулҳу субот ва арзишҳои анъанавии аз тарафи мақомот эъломшуда нисбат ба эҳтироми ҳуқуқи инсон бартарӣ дода мешавад. Мақомот амнияти миллӣ ва мубориза бо терроризмро барои маҳдудияти озодиҳои баён ва иттиҳодияҳо асос меоранд. Дар Тоҷикистон саркуб намудани амалан ҳама гуна мухолифат, аз ҷумла таъқиби онҳое, ки бо гуруҳҳои гуногуни оппозитсионӣ ва аҳзоби сиёсӣ, ба монанди Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва Гуруҳи 24 алоқаманданд ё эҳтимолан иртибот доранд, идома дорад.[1]

Бисёре аз адвокатҳое, ки ҳифзи аъзои мухолифини сиёсиро ба зимма гирифтанд, ё худашон барои ҷиноятҳои ба амнияти миллӣ алоқаманд айбдор ва аз озодӣ маҳрум шуданд, ё аз тарси таъқиби худу аъзои оилаашон маҷбур гардиданд кишварро тарк кунанд. Онҳое, ки таҳти таъқиби қонун буданд, дар мурофиаҳои пушидаи ноодилона ба ҷазоҳои сахт маҳкум шуданд. Барои дигар адвокатҳо бошад, боздошти худсаронаи ин адвокатҳо ва азияти аҳли оилаи онҳо, таъқиботи ангезаи сиёсидошта, ки ба фаъолияти қонунии касбии онҳо алоқаманд буд, ҳамчун ҳушдор ва омили боздоранда хизмат мекард.

Дар доираи васеътари саркуби мухолифон, адвокатҳо дар гирифтани парвандаҳои ошкоро ё эҳтимолан сиёсӣ ва парвандаҳои вобаста ба шикоят алайҳи мақомоти амниятӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳатто агар иттиҳомоти асосноки истифодаи шиканҷа ё бадрафторӣ мавҷуд бошанд ҳам, торафт эҳтиёткор мешаванд.

Илова бар ин, тағйиру иловаҳои моҳи ноябри соли 2015 ба қонун “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” воридгардида назорати шохаи иҷроияи ҳокимиятро аз болои иҷозатдиҳӣ ба вакилони дифоъ зиёдтар кард ва шумораи вакилони дифоъро ба таври назаррас кам кард. Аҷибаш ин аст, ки ин тағйиру

---

[1] ҲНИТ ҳизби қонунан ба қайд гирифташуда ва ягона ҳизби сиёсии исломӣ дар тамоми Осиёи Миёна буд. Аз охири солҳои 1990 то соли 2015 вай дар интихобот иштирок намуда, дар порлумони кишвар соҳиби ҷой буд. Бо ин ҳол, баъди интихоботи порлумонии хеле баҳсбарангези 1 марти соли 2015 дар Тоҷикистон, ин ҳизб ду курсии боқимондаи худро дар порлумон аз даст дод. Санаи 28 августи соли 2015 ҲНИТ аз Вазорати адлия дастури бастани ҳизбро то 7 сентябр ба далели “нокифоя будани дастгирии мардум” барои ҳизби ба қайд гирифташуда ҳисоб ёфтан,  гирифт.
Гуруҳи 24 ҷунбиши мухолифони дунявӣ буд, ки аз тарафи соҳибкор ва сиёсатмадори мухолиф Умаралӣ Қувватов ташкил шуда буд. Гуруҳи 24 моҳи октябри соли 2014 аз тарафи Суди олӣ ҳамчун созмони “экстремистӣ” манъ гардид. Умаралӣ Қувватов 5 марти соли 2015 дар Туркия кушта шуд.

иловаҳо баъди нуҳ моҳи қабул шудани қонуни нав моҳи марти соли 2015, ки дар асл мустақилияти вакилони дифоъро мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ кафолат медод, ворид гардиданд.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) ҳуқуқу кафолатҳои хеле зиёдро ба мурофиаи одилона муқаррар намудааст. Ин кафолатҳо, аз ҷумла, инҳоро дарбар мегиранд: ҳуқуқ ба дастрасии озод ба адвокати кордон пеш аз муҳокимаи судӣ, ҳуқуқи боздоштшудагон барои дастрасӣ ба дунёи беруна ва шикояти қонунӣ будани боздошт; ҳуқуқ ба шароити боздошти инсонӣ ва озодӣ аз шиканҷа ва бадрафторӣ; ҳуқуқ ба баробарӣ дар назди қонун ва суд ва эҳтимолияти бегуноҳӣ то замони исботи гуноҳ дар асоси қонун; ҳуқуқи дифоъ аз худ ва ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ бо интихоби худ; ҳуқуқи мукотиба бо вакили дифоъ дар шароите, ки маҳрамияти мукотибаи онҳоро пурра эҳтиром кунад, ва ҳуқуқи иҷборан зидди худ шаҳодат надодан ё гуноҳи худро эътироф накардан.[2] Вакилони дифоъ дар амалӣ кардани ин ҳуқуқҳо нақши асосӣ доранд.

Бо ба назар гирифтани мақоми муҳими адвокатҳо дар ҳифзи ҳуқуқи инсон ва мусоидат кардан ба дастрасӣ ба адолати судӣ барои ҳама, озору таъқиби адвокатҳо дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо коҳиши шадиди шумораи адвокатҳо ба эҳтироми ҳуқуқи инсон таъсири фалаҷкунанда мерасонад.

[2] Дастури Amnesty International оид ба мурофиаи одилона, таҳрири дуюм https://www.amnesty.org/en/documents/POL30/002/2014/en/

# 2. САРКУБИ ДИГАРАНДЕШИИ ҚОНУНӢ БА НОМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

> **“Ман дарёфтам, ки муҳити тарс ба бахшҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳ ёфта, озодии баёнро ба тавре танг кардааст, ки ин танҳо ба норозигӣ ва ноамнӣ мебарад.”**
>
> Гузоришгари вежаи СММ оид ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баён Давид Кайе, дар Изҳороти пешакӣ баъди сафар ба Тоҷикистон моҳи марти соли 2016

Дар давоми се соли охир фазо барои озодии баён, хусусан барои мухолифати мусолиҳатомез дар Тоҷикистон ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ва тарси муҷозот барои ҳама гуна танқид ё танқиди ошкорои мақомот ҷомеаи Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Нигарониҳо аз амнияти миллӣ ва терроризми чи воқеӣ ва чи фарзӣ, дар барномаи сиёсӣ ва гуфтумони расмӣ пешраванд ва ба таври возеҳ ба эҳтироми ҳуқуқи инсон зарар мерасонанд. Мақомот доимо нигарониҳои амнияти миллиро барои тавҷеҳ додани маҳдудиятҳои сахти озодиҳои баён ва иттиҳодияҳо пеш меоранд ва истинод мекунанд, ки ин чораҳо барои таъмини субот зуруранд.

Баъди сафараш ба Тоҷикистон моҳи марти соли 2016, Гузоришгари вежаи СММ оид ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баён Давид Кайе қайд намуд, ки “фишорҳо дар муҳити сиёсии Тоҷикистон фаъолиятҳои гуногунро фаро гирифта, аз васоити ахбори мустақил, интернет ва алоқаи мобилӣ то ҷомеаи шаҳрвандӣ, вакилони дифоъ ва ашхоси диндор густариш ёфтаанд ... қонунҳои нав ва амалия иҷозаи

саркуб кардани алтернативаҳои сиёсиро ҳамчун қисми таркибии чараёни тарсонидан, боздошт ва муҳокимаи пушидаи судӣ, додаанд”[3]

Як сол баъди сафари вай ягон пешравии назаррас дар вазъи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дида намешавад.

[3] Мушоҳидаҳои пешакии Гузоришгари вежаи СММ оид ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баён ҷаноби Давид Кайе дар поёни сафараш ба Тоҷикистон, 9 марти соли 2016,
http://www.ohchr.org/en/NewsEvents/Pages/DisplayNews.aspx?NewsID=17193&LangID=E#sthash.8eOyCO8U.dpuf
(бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

# 3. МУХОЛИФОНИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Даргириҳои хушунатбор дар Душанбе ва атрофи он моҳи сентябри соли 2015 ва оқибати онҳо нуқтаи гардишии мақомоти Тоҷикистон дар азсаргирии мавҷи нави саркуби ҳама гуна зуҳуроти дигарандешӣ, аз ҷумла шаклҳои қонунӣ ва сулҳомези он буд.

Президент ва дигар мансабдорон раҳбарони созмони мухолифи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар таъмини молӣ ва дастгирии ҳуҷумҳо ба пулис аз тарафи гуруҳҳои мусаллаҳ моҳи сентябри соли 2015 айбдор намуданд. Пеш аз ин ҳодисаҳои хушунатбор, ҲНИТ ҳизби сиёсии қонунии сабтшуда буда, дар шохаҳои иҷроия ва қонунгузории кишвар намояндагӣ дошт. Мақомот ин ҳуҷумро ҳамчун кушиши ғасби ҳокимият аз тарафи собиқ муовини Вазири мудофиа Абдуҳалим Назарзода тавсиф намуданд. Онҳо иддао намуданд, ки замони даргириҳои хушунатбор Абдуҳалим Назарзода дар асоси дастури Муҳиддин Кабирӣ, роҳбари берун аз кишвар будаи ҲНИТ, амал мекард. Муҳиддин Кабирӣ ҳама гуна алоқаро бо ин ҳодисаҳо рад кард ва мақомотро дар сохтакории далелҳои зидди вай ва дигар аъзои ҲНИТ айбдор намуд.

Бо сабаби аз тарафи мақомот қариб пурра таҳти назорат гирифта шудани пахши ахбор, имконияти хеле ночизи таҳлили фарзияи расмии ҳодисаҳо мавҷуд буд.[4]

29 сентябри соли 2015, баъди боздошти роҳбарони ҲНИТ, Прокурори генералӣ аз Суди олӣ дархост намуд, ки бар пояи он, ки якчанд аъзои ҲНИТ дар муддати дароз ба гуруҳҳои “экстремизм”-ро ташвиқкунанда ҳамроҳ буданд, ва ҲНИТ васоити ахбор, аз ҷумла нашрияи ҳизб “Наҷоти ислом”-ро барои паҳн кардани “ғояҳои экстремистӣ” ва мусоидат ба хусумати динӣ истифода мебурд, ҲНИТ-ро “созмони террористӣ” эълон кунад. Суди олӣ чунин қарор бароварда, тамоми фаъолияти минбаъдаи ҳизбро мамнуъ кард.

Аз он замон ҳадди аққал 170 нафар бо иттиҳоми даст доштан дар ҳодисаҳои сентябри соли 2015 таҳти таъқиби қонун буданд, айбдор ва аз озодӣ маҳрум шуданд[5]. Президент Эмомалӣ Раҳмон аз он давра

---

[4] Amnesty International, Public Statement “Tajikistan: A year of secrecy, growing fears and deepening injustice”, AI Index Number: EUR 60/4855/2016, 19 September 2016 https://www.amnesty.org/en/documents/eur60/4855/2016/en/

[5] Иттиҳомоти алайҳи ин афрод, ёрон ва хешовандони Абдуҳалим Назарзода ва дигарон, ки на ҳамаи онҳо аъзои ҲНИТ буданд, аз ҷумла, куштор, ғайри қонунӣ нигоҳ доштани силоҳ ва иштирок дар гуруҳи ҷиноятиро дарбар гирифта, онҳо ба муҳлати аз як то сӣ сол зиндонӣ шудаанд. (Ниг. Reuters, «Таджикистан осудил 170 человек за причастность к попытке военного переворота» [Tajikistan convicted 170

такроран барои афзоиши иқдомот ва манбаъҳо барои мубориза бо хатарҳои миллӣ ва минтақавӣ даъват менамуд. Моҳи маи соли 2016 дар Тоҷикистон раъйпурсии конститутсионӣ гузаронида шуд, ки аз ҷумла мамнуъ будани ҳизбҳои сиёсии динӣ ва миллиро тасдиқ намуд.

Санаи 2 июни соли 2016 Суди олии Тоҷикистон 14 нафар роҳбарони ҲНИТ-ро пас аз мурофиаи пушида, ки ҳатто иттиҳомот алайҳи судшавандаҳо махфӣ буданд, ба муддатҳои тулонӣ равонаи зиндон кард. Вакилони дифоъ маҷбур карда шуданд санади фош накардани ҳама гуна маълумоти парванда ва мурофиаро имзо кунанд.

Зарафо Хуҷаева (Зарафо Раҳмонӣ), ягона зан дар байни судшавандаҳои парванда, ба муҳлати 2 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд. Вай 5 сентябри соли 2016 дар асоси авфи президент аз зиндон озод шуд. Дигарон аз 14 то 28 солӣ равонаи зиндон шуданд. Иттиҳомоти шиканҷа ва муносибати баде, ки барои дарёфти "худиқрорӣ" истифода шудаанд, ба таври самаранок тафтиш нашуданд.

Ҳамин тавр, даҳҳо нафар аъзо ва ҳаводорони гуруҳҳои мамнуъшудаи мухолиф, ба монанди ҲНИТ ва Гуруҳи 24, ва оилаҳои онҳо аз кишвар фирор намуда, дар хориҷ паноҳандагӣ дархост намуданд. Мақомот аъзои оилаи онҳоро дар Тоҷикистон ҳадафи таъқиб қарор доданд, то онҳо маҷбур шаванд баргарданд. Фаъолони фирории ҲНИТ ва Гуруҳи 24 гузориш доданд, ки барои интиқом аз фаъолияти онҳо дар хориҷ, ба монанди намоишҳои эътирозӣ дар чорабинии байналмилалӣ дар Варшава моҳи сентябри соли 2016, полис ва хадамоти амниятӣ аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла, хешовандони калонсол ва кудакони хурдсолро таҳдид, боздошт, бозпурсӣ ва дар баъзе ҳолатҳо лату куб намудаанд.[6]

people for involvement in the military coup attempt], 4 августи соли 2016, дастрас аст дар http://ru.reuters.com/article/topNews/idRUKCN10F1DE (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

[6] Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оиди ҲНИТ дар муносибат ба иқдомоти интиқомҷӯёна алайҳи оилаҳо баъди намоишҳои эътирозӣ дар Варшава зимни ҷаласаи солонаи САҲА оиди ченаки инсонӣ моҳи сентябри соли 2016 дар сомонаи худ изҳорот пахш намуд http://www.osce.org/odihr/265746?download=true. САҲА ҳамчунин изҳороти расмии ҳайати Тоҷикистонро дар ин ҷаласа дар сомона ҷо кард http://www.osce.org/odihr/267206?download=true, (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

# 4. МАҲДУДКУНИИ ОЗОДИИ БАЁН

Аз ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2015 сар карда, мақомот нисбати озодии баён ва васоити ахбор маҳдудиятҳои шадид ҷорӣ намуда, ҳоло амалан тамоми дастрасӣ ба иттилоотро таҳти назорат доранд. Ин на танҳо ба озодии васоити ахбор ва озодии баён дар Тоҷикистон, балки ба масъалаҳои марбут ба дастрасӣ ба адолати судӣ ва муҳокимаи судии одилона низ таъсир кард.

Васоити мустақили ахбор ва рузноманигорони алоҳидае, ки мақомотро танқид мекарданд ё масъалаҳои аз нигоҳи мақомот ҳассос ва марбут ба амнияти миллиро мебардоштанд, аз тарафи полис ва хадамоти амниятӣ мавриди тарсу озор қарор мегирифтанд. Ин аз ҷумла, расонаӣ кардани таъқиби аъзои ҲНИТ ва вакилони дифои онҳоро дарбар мегирифт. Бисёр рузноманигорон маҷбур шуданд кишварро тарк кунанд. Моҳи ноябри соли 2016 Тоҷнюс ва Нигоҳ, вебсайт ва ҳафтаномаи мустақил эълон намуданд, ки маҷбуранд ба сабаби набудани "шароити зарурӣ барои васоити ахбори мустақил ва рузноманигории озод" фаъолияти худро қатъ кунанд[7]. То он замон, Нигоҳ яке аз васоити ахбори камшуморе буд, ки оиди мурофиаи судии адвокат Бузургмеҳр Ёров, ки адвокати аъзои ҲНИТ буд ва баъдтар барои содир кардани ҷиноятҳо айбдор карда шуд, гузориши мустақил медод (тафсилоти парванда дар поён).

Тағйирот ба қонунгузории мубориза алайҳи терроризм, ки дар охири соли 2015 қабул шуданд, ба хадамоти амниятӣ ваколатҳои васеи маҳдудкунии дастрасӣ ба интернет ва хизмати телефонҳои мобилиро дар шароити амалиётҳои зиддитеррористӣ доданд. Мақомот батакрор ба расонандагони хизмати интернетӣ амр медоданд, ки дастрасӣ ба сомонаҳои алоҳидаи ахборотӣ, иҷтимоӣ ва ҷустуҷуиро, ба монанди Facebook, Vkontakte, YouTube, Twitter, BBC, CNN, ва Al-Jazeera, маҳдуд кунанд, чунки ин сомонаҳо ба қавли онҳо ба "экстремизм" мусоидат мекарданд.

Моҳи ноябри соли 2016, "таҳқири пешвои миллат" (унвони нави президент аз моҳи декабри соли 2015) кирдори ҷиноятӣ гардид.[8] Моҳи марти соли 2017 дастгоҳи президент ба васоити ахбор ва мақомоти маҳаллӣ дастур дод, ки дар сурати гирифтани номи Президент Эмомалӣ Раҳмон, унвони пурраи "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат" истифода шавад.[9]

---

[7]Radio Free Europe/Radio Liberty, "Tajikistan: Independent Tajik Newspaper Suspends Operations", 5 ноябри 2016, https://www.rferl.org/a/independent-tajik-newspaper-suspends-operations/28098259.html (last accessed 17 May 2017)
Eurasianet "Tajikistan: Another News Outlet Bites the Dust", 14 November 2016, http://www.eurasianet.org/node/81286 (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст)

[8] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат" моҳи ноябри соли 2016 қабул шуд. Баъди қабули қонун ба Кодекси ҷиноятӣ иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, моддаи 137-1 қисми 1, ки барои таҳқири оммавии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ё тӯҳмат кардан ба ӯ ҷазои ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як солро пешбинӣ мекунад. Қисми дуюми ин модда барои ин кирдор, агар бо истифодаи матбуот, дигар воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет содир шуда бошад, ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ солро пешбинӣ мекунад.

[9] Eurasianet, Tajikistan: State Media Forced to Always Call President By Unwieldy Title, 24 апрели соли 2017, http://www.eurasianet.org/node/83331 and Radio Ozodi, ГосСМИ обязали полностью указывать титул президента Таджикистана (State Media forced to use Tajikistani President's Full Title), 23 апрели 2017 https://rus.ozodi.org/a/28446779.html.

# 5. МАҲДУД КАРДАНИ МУСТАҚИЛИЯТИ АДВОКАТҲО

Мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ, иттиҳоди адвокатҳо бояд аз ҳукумат ва дигар манфиатҳои иҷроия ва хусусӣ мустақил бошад (принсипи 24, Принсипҳои асосии СММ оиди мақоми адвокатҳо).[10]

Моҳи марти соли 2015 қонуни нав "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" ба ҳукми амал даромад ва ба он моҳи ноябри соли 2015 тағйирот ворид карда шуд.[11] Ин қонуни нав бояд як падидаи мусбате мебуд, ки мустақилияти вакилони дифоъро аз ҳокимияти иҷроия тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ҳам дар қонун ва ҳам дар амал кафолат медод. Вале вакилони дифоъ ва коршиносони дохилу хориҷ ва ТҒҲ изҳори нигаронӣ карданд, ки баъзе нуқоти ҳамчун тағйирот воридшуда ба мустақилияти вакилони дифоъ таҳдид карда, дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқиро зери суол мебаранд.[12]

Қонуни аввал иттиҳоди ягонаи миллии адвокатҳо – Иттифоқи адвокатҳоро ташкил намуда, мустақилу ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратӣ будани онро, ки роҳбар ва мақоми идоракунандаи худро интихоб мекард, таъмин менамуд. Аммо, тағйиру иловаҳое, ки моҳи ноябри соли 2015 ворид карда шуданд, бо ташкили Комиссияи тахассусӣ дар назди Вазорати адлия[13](мақоме, ки барои ҳал намудани масъалаи соҳиб шудан ба мақоми адвокат ва қатъ намудани он, инчунин гузаронидани аттестатсияи адвокатҳо масъул аст), назорати додани мақоми адвокатро ба дасти шохаи иҷроияи ҳокимият доданд, ҳол он ки тибқи меъёрҳои байналмилалӣ он бояд дар назди Иттифоқи адвокатҳо ташкил мешуд.[14]

---

[10] Принсипҳои асосии СММ оиди мақоми адвокатҳо, аз тарафи Конгресси ҳаштуми СММ оиди пешгирии ҷиноят ва муносибат бо ҷинояткорон аз 27 август то 7 сентябри соли 1990 дар Ҳавана, Куба қабул шудаанд. https://www.unodc.org/pdf/criminal_justice/UN_Basic_Principles_on_the_Role_of_Lawyers.pdf.

[11] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" 18 марти соли 2015 имзо шудааст. Тағйиру иловаҳо ба қонун 4 ноябри соли 2015 аз тарафи порлумон тасдиқ шуда, 26 ноябри соли 2015 ба амал даромаданд.

[12] Нигаред ба гузориши Комиссияи мустақили ҳуқуқшиносҳо (ICJ) "Recommendations on the Independence of the Legal Profession in the Republic of Tajikistan", 23 феврали соли 2016, https://www.icj.org/wp-content/uploads/2016/02/Tajikistan-Independence-of-legal-profession-Publications-Reports-Thematic-reports-2016-ENG.pdf, (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст). Гузоришгари вежаи СММ оиди масъалаҳои шиканҷа Хуан Мендез низ дар гузориши навбатии худ баъди сафари такрорӣ ба Тоҷикистон навиштааст, ки вай «аз набудани дастрасии кофӣ ба ёрии ҳуқуқии мустақил дар Тоҷикистон амиқан нигарон аст», A/HRC/28/68/Add.2, бахшҳои 17-19 Дастрасӣ ба адвокат, http://antitorture.org/wp-content/uploads/2015/03/Follow_Up_Report_Tajikistan_Tunisia.pdf (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

[13] Комиссияи нуҳнафара аз ду намояндаи Вазорати адлия, як судя, панҷ адвокати аз тарафи анҷумани Иттифоқи адвокатҳо интихобшуда, як олими ҳуқуқшинос иборат аст. Қонун "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", моддаи 13 (2).

[14] Дар гузориши ниҳоии худ оиди ислоҳи қонун дар бораи адвокатҳо соли 2013 ICJ қайд намудааст, ки " ин тартиб хатари онро дорад, ки адвокатҳои мустақилро аз байн мебарад ва дар мухолифат бо Принсипҳо оиди мақоми адвокатҳо, амалан ба бартарии Вазорати адлия бурда мерасонад." Ин тавсияҳо ба инобат гирифта нашуданд. ICJ, "Independence of the Legal Profession in Central Asia", саҳ.16,

Қонуни тағйиршуда ҳамчунин муқаррар намуд, ки яке аз муовинони Вазири адлия Раиси Комиссияи тахассусӣ мебошад ва дар хусуси он, ки кӣ мақоми адвокатро мегирад, овоз медиҳад.[15]

Тағйиру иловаҳо инчунин тамоми адвокатҳоро, аз ҷумла онҳоеро, ки зиёда аз 10 сол собиқаи корӣ доранд (онҳо тибқи қонуни нав аз моҳи марти соли 2015 аз имтиҳонсупорӣ озод буданд), маҷбур мекунанд, ки аз нав имтиҳони тахассусиро то моҳи марти соли 2016 супоранд, ё мақоми худро ҳамчун адвокат аз даст медиҳанд.[16]

Ин дигаргуниҳо дар зиёда аз панҷоҳ фисад кам шудани шумораи адвокатҳои касбӣ ва дар натиҷа, боз ҳам маҳдуд кардани дастрасии на танҳо онҳое, ки барои содиркунии ҷиноятҳои вобаста ба амнияти миллӣ айдор мешуданд, балки барои маҳдудшавии дастрасии тамоми мардуми Тоҷикистон ба адолати судӣ, калидӣ буданд.   То моҳи маи соли 2017 танҳо қариб нисфи онҳое, ки пеш мақоми адвокатро доштанд, тавонистанд ки аз руи низоми нав ин мақомро соҳиб шаванд. Алҳол Тоҷикистон барои аҳолии зиёда аз ҳашт миллион тақрибан 600 адвокат дорад, яъне тақрибан як адвокат барои 13,000 аҳолӣ. [17]

---

September 2013, http://icj.wpengine.netda-cdn.com/wp-content/uploads/2013/09/Independence -of-the-Legal-Profession-in-CA-Eng.pdf, (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

[15] Барои иттилои бештар нигаред ба гузориши ICJ барои соли 2016, ки дар боло оварда шудааст.

[16] Мувофиқи қонуни нав адвокат бояд узви Иттифоқи адвокатҳо бошад ва барои дар парвандаҳои ҷиноятӣ муштариро намояндагӣ кардан имтиҳони тахассусиро супорад.

[17] Пеш аз тағйири қонун дар бораи адвокатҳо тақрибан аз 1200 то 2000 адвокатҳо иҷозаи фаъолиятро доштанд.

# 6. ОЗОРУ АЗИЯТ, ТАЪҚИБИ СУДӢ ВА ЗИНДОНӢ КАРДАНИ АДВОКАТҲО

Дар Принсипҳои асосии СММ оиди мақоми адвокатҳо омадааст: “ҳукуматҳо бояд таъмин кунанд, ки адвокатҳо... тавонанд тамоми масъулиятҳои касбии худро бе тарсу ҳарос, монеъшавӣ, озору азият ё дахолати ноҷоиз иҷро карда тавонанд (принсипи 16), ва “аснои иҷрои вазифаҳои худ адвокатҳо набояд бо муштариёни худ ё кирдорҳои муштариёни худ вобаста карда шаванд” (принсипи 18).

Принсипҳо инчунин муқаррар намудаанд, ки ҳар шахси боздоштшуда, дастгиршуда, маҳкумшуда ҳуқуқ дорад барои бе таъхир бо адвокат вохурдан ва машварат кардан имконияти муносиб, вақт ва шароит дошта бошад (принсипи 8).[18] Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ҳамчунин барои ҳимоят аз ҳуқуқ ба озодӣ, озодӣ аз шиканҷа ва ҳуқуқ ба ҷуброни муносиб барои вайроншавии ҳуқуқи инсон, муҳим аст.[19]

Дар давоми се соли охир адвокатҳое, ки парвандаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ҳассос ё марбут ба амнияти миллӣ ва мубориза зидди терроризмро гирифтаанд, дар робита ба иҷрои фаъолияти қонунии касбиашон мавриди тарсу озор ва фишори афзоянда қарор гирифтанд. Дар баъзе ҳолатҳо адвокатҳоро бо иттиҳомоти марбут ба амният ё сиёсат ҳамчун танбеҳ боздошт намуда, мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор дода, пас аз муҳокимаҳои судии ноодилона ба мӯҳлатҳои тулонӣ равонаи зиндон карданд. Баъзе адвокатҳо барои таъқибу шиканҷа нашудан фирор аз кишварро интихоб карданд. Дар чунин ҳолат, мақомоти амниятӣ ва маҳаллӣ инчунин аҳли оилаи онҳоро озору азият дода, хешованданашонро бо интиқом гирифтан таҳдид намуданд.

---

[18] Ҳуқуқи шахс ба ёрии ҳуқуқӣ дар давраи то мурофиаи судӣ дар якчанд меъёрҳои созишномавию ғайрисозишномавӣ дарҷ шудааст, аз ҷумла, моддаи 17(2)(d)-и Конвенсия оид ба гумшавии иҷборӣ, моддаи 37(d) Конвенсияи ҳуқуқи кудак, принсипи 1 Принсипҳои асосии СММ оиди мақоми адвокатҳо, *Принсипи 17 Низоми принсипҳо, Принсипи 3 ва Дастури 4-уми Принсипҳои ёрии ҳуқуқӣ, моддаҳои 55(2)(c) ва 67(1)(d)-и Статути Суди байналмилалии ҷиноӣ (СБҶ), Қоидаҳои 117(2), 121(2)(a)-и Қоидаҳои СБҶ оид ба мурофиа ва далел. Нигаред ба Дастури Amnesty International оид ба мурофиаи одилона, таҳрири дуюм, саҳ. 43, https://www.amnesty.org/en/documents/POL30/002/2014/en/.

[19] Шарҳи умумии 20, Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ, http://www.refworld.org/docid/453883fb0.html, (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст),
Гузоришгари вежаи СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа, UN Doc. E/CN.4/1992/17 (1991) §284, https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/G91/142/75/PDF/G9114275.pdf?OpenElement, (бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст).

Боздошти худсарона ва муҳокимаи вакилони дифои ҳуқуқи инсон бо иттиҳомоти ангезаи сиёсӣ дошта, шароити сахти зиндон ва озори аҳли оилаи онҳо омили боздоранда ба ҳамаи онҳое буд, ки ҷасорат намуда ҳуқуқи онҳоеро, ки қудрати президент ва ҳукуматро ба чолиш кашидаанд, ҳимоя мекарданд. Қобили тавҷеҳ аст, ки ҳимояи адвокатҳои боздоштшуда дар навбати худ, барои адвокатҳои дигар хатарнок шуд. Бо сабаби ин хатарҳо, шумораи хеле кам омода буданд, ки ин вазифаро ба зимма гиранд, онҳое ки ин корро ба дӯш гирифтанд, ба озору таҳдид дучор шуданд.

Парвандаҳои вакилони дифои ҳуқуқи инсон Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамов, Ҷамшед Ёров, Муаззамахон Қодирова ва Шуҳрат Қудратов намунаи ин вазъияти ҳавлнок мебошанд, ки дар поён оварда шудаанд. Онҳо ёдраси воқеии хатарҳое ҳастанд, ки адвокатҳо дар Тоҷикистон аснои иҷрои уҳдадориҳои касбии худ дар парвандаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ҳассос рубару мешаванд, хусусан, ҳангоме, ки муштарии онҳо аз тарафи мақомот барои хатарнок будан ба амнияти миллӣ муттаҳам шуда бошад.

Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамов бе дастрасии хеле нокифоя ба аҳли оила ва вакилони дифои худ қариб ду соли худро дар маҳбас сипарӣ карда, муҳокима шуда, аз руи иттиҳомоти сохтаи марбут ба амнияти миллӣ ҳар яки онҳо ба зиёда аз 20 солӣ маҳкум шуданд. Онҳо аз ҳуқуқи роҳбарияти боздоштшудаи ҲНИТ ҳимоя карда буданд.

Вакили дифои ҳуқуқи инсон Шуҳрат Қудратов се соли худро паси панҷара сипарӣ мекунад. Муаззамахон Қодирова маҷбур шуда, аз кишвар фирор кард, ҳамчунин Ҷамшед Ёров баъд аз озодшавӣ аз боздоштгоҳ тарки ватан намуд.

## ПАРВАНДАИ ШУҲРАТ ҚУДРАТОВ

Адвокати ҳуқуқи инсон Шуҳрат Қудратов дар солҳои то ҳодисаҳои сентябри соли 2015 якчанд парвандаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ "ҳассосро" бурда буд. Аз ҷумла, вай Агентии иттилоотии мустақили Азия Плюс-ро дар парванда оид ба таҳқир, ки аз тарафи ҳукумат оғоз шуда буд, намояндагӣ карда буд.

Шуҳрат Қудратов адвокати мухолифи фаъол, собиқ вазири энергетика ва саноат Зайд Саидов (соли 2013 аз руи иттиҳомоти гуногун, аз ҷумла, қаллобӣ дар ҳаҷми калон ва фасод ба 23 сол маҳкум шуд) буд.

Мақомоти қудратӣ Шуҳрат Қудратовро 21 июли соли 2014, ҳамагӣ шаш руз баъди муроҷиати вай ба гуруҳҳои ғайридавлатӣ, васоити ахбор ва миссияҳои дипломатӣ оиди вайронкуниҳои қонунгузории мурофиавӣ дар таъқибу мурофиаи Зайд Саидов, бо иттиҳоми додани пора дастгир карданд. Дар ин муроҷиат вай инчунин, тафсилоти азияту озори худ, аҳли оилааш ва вакилони дифои Зайд Саидов, аз ҷумла таҳдидҳои зиндонӣ кардан ва аз байн бурданашро овардааст. Шуҳрат Қудратов бовар дошт, ки зерҳимояи вайро барои кушиши ташкили ҳизби мухолиф ва иштирок дар интихоботи президентии соли 2013 ба маҳбас кашиданд.

13 январи соли 2015 Шуҳрат Қудратов бо иттиҳомоти қаллобӣ ва пора ба 9 соли зиндон бо мусодираи молу мулк маҳкум шуд. Вай изҳор намуд, ки иттиҳомот ангезаи сиёсӣ доранд ва бо ҳимояи Зайд Саидов алоқамандаанд. Суди олӣ ҳукми вайро ба тариқи кассатсионӣ ба панҷ солу чор моҳ кам кард.[20]

Шуҳрат Қудратов дар асоси ду моддаи қонуни авф аз моҳи августи соли 2016 бояд моҳи ноябри соли 2016 пеш аз муҳлат аз маҳбас озод мешуд. Мувофиқи суханони вакили дифои вай, ду моддаи ба ин парванда - моддаҳои 5 ва 7 пешбинӣ мекунанд, ки маҳбусоне, ки муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбаташон то ду сол боқӣ мондааст, озод мешаванд (моддаи 5) ва муҳлати

[20] Мақомот дигар адвокатҳои парвандаи Зайд Саидовро низ таъқиб намуданд. Фахриддин Зокиров замони Зайд Саидовро намояндагӣ кардан, ду бор солҳои 2014 ва 2015 дастгир шуд ва дар содир кардани ҷиноят айбдор шуда, чандин моҳро дар боздоштгоҳи тафтишотӣ сипарӣ намуд. Вай бовар дошт, ки иттиҳомоташ ангезаи сиёсӣ доштанд. Баъди озод шудан соли 2015 вай аз ҳимояи Зайд Саидов даст кашид. Исҳоқ Табаров барои даст кашидан аз ҳимояи Зайд Саидов борҳо аз тарафи мақомот таҳдид шуда буд. Соли 2015 писари вай Фируз боздошт шуда, барои "экстремизм" муттаҳам шуд ва соли 2016 ба муҳлати 13 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Исҳоқ Табаров мегуфт, ки Фируз барои "иқрор" шудан шиканҷа шуда буд. Вай бовар дошт, ки таъқиби судии писараш интиқом барои иштироки вай дар ҳимояи Зайд Саидов буд. Моҳе баъди маҳкумшавии Фируз, бародари вай Далер барои хабар надодан оиди ҷиноят дастгир шуда, ба муҳлати се сол аз озодӣ маҳрум гардид. Исҳоқ Табаров аз сактаи қалб моҳи июни соли 2016, даҳ руз баъди ҳукми писараш, ки боварӣ дошт ангезаи сиёсӣ дорад, вафот кард.

адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати маҳкумшудагони мазкур кам карда мешавад (моддаи 7). Аммо, Шуҳрат Қудратов озод нагардид ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба рузноманигорон гуфт, ки моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, ки аз руи онҳо Шуҳрат Қудратов ҷиноят содир кардааст, ба қонуни авф дохил намешаванд ва барои ҳамин вай озод намегардад.

# ТАЪҚИБИ СУДИИ БУЗУРГМЕҲР ЁРОВ ВА АДВОКАТҲОИ БО ВАЙ АЛОҚАМАНД

## БУЗУРГМЕҲР ЁРОВ

Адвокат Бузургмеҳр Ёров, ки якчанд роҳбарони боздоштшудаи ҲНИТ-ро ҳимоя мекард, аз тарафи полис санаи 28 сентябри соли 2015 бо иттиҳомоти қаллобӣ ва сохтакорӣ, ки ба парвандаи ҲНИТ алақаманд набуданд, дастгир карда шуд. Аммо ҳангоми дастгиркунӣ полис бо вайрон кардани имтиёзи вакил ва муштарӣ, ҳуҷҷатҳои вобаста ба парвандаи ҲНИТ-ро бо худ бурд. Каме пештар аз дастгиршавӣ Бузургмеҳр Ёров ба васоити ахбор гуфта буд, ки яке аз муштариёни вай аз ҲНИТ, Умаралӣ Ҳисайнов, ки санаи 13 сентябри соли 2015 дастгир шуда буд, дар хусуси дар идораи Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил (ҳамон сохторе, ки баъдтар худи Бузургмеҳр Ёровро дастгир кард) мавриди латукуб ва дигар бадрафторӣ қарор гирифтанаш шикоят кардааст. Моҳи октябри соли 2015 вакили дифои вай Нуриддин Маҳкамов низ боздошт шуд. Моҳи декабри соли 2015 нисбати Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамов иттиҳомоти нави марбут ба экстремизм эълон шуданд.

Санаи 6 октябри соли 2016 суди шаҳри Душанбе Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамовро пас аз мурофиаи судии ноодилона мувофиқан ба 23 ва 21 сол аз озодӣ маҳрум кард. Намояндагони васоити ахбор ва нозирони байналмилалӣ танҳо дар мурофиаи аввал санаи 3 май ба толори суд роҳ ёфтанд. Тамоми мурофиаи суди аз чашми мардум пушида буд. Суд ҳар ду вакили дифоъро ба “барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ” (моддаи 189 Кодекси ҷиноятӣ), қаллобӣ (моддаи 247), даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 307), даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (моддаи 307-1) ва ҳамчунин Бузургмеҳр Ёровро барои сохтакорӣ (моддаи 340) муттаҳам намуд. Далелҳои айбдории онҳо дастраси аҳли ҷомеа нашуданд.

Бузургмеҳр Ёров худро айбдор наҳисобид ва ҳама иттиҳомотро рад карда, дар сухани охиринаш санаи 3 октябри соли 2016 изҳор намуд, ки вай “экстремист нест, балки адвокат аст.” Васоити ахбори давлатӣ Бузургмеҳр Ёровро ҳамчун “террорист” унвон карданд, чунки танҳо “террорист” метавонад “террористҳоро” ҳимоя кунад. [21] Моҳи феврали соли 2017 Суди олӣ даъвои вайро аз болои ин ҳукм рад намуд.

Санаи 12 декабри соли 2016 мурофиаи дуюми пушида зидди Бузургмеҳр Ёров дар боздоштгоҳи тафтишотии рақами 1-и шаҳри Душанбе оғоз гардид. Вайро акнун барои “беэҳтиромӣ” ба суд ва таҳқири шахси мансабдори давлатӣ бо хондани шеъри шоири асри 11 аснои сухани охиринаш дар мурофиаи пушидаи аввал дар суди шаҳри Душанбе айбдор мекарданд.[22] Санаи 16 марти соли 2017 Суди олӣ вайро айбдор ҳисобида, боз ба ду сол аз озодӣ маҳрум кард.

Моҳи феврали соли 2017 суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе мурофиаро аз руи парвандаи нав алайҳи Бузургмеҳр Ёров бо иттиҳомоти нави қаллобӣ гуё аз руи шикояти мардум оғоз кард. Ин ҷиноят

---

[21] Ҷумҳурият ,“ Мо агар номус дорем”, 9 октябри соли 2015, №: 202, http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=21261, чи тавре, ки дар Eurasianet оварда шудааст, “Tajikistan Extends Lawyer’s long Prison Sentence for Quoting Poet”,16 March 2017, http://www.eurasianet.org/node/82876.

[22] “Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд, Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд. Хар бош, ки ин ҷамоъа аз фарти харӣ, Ҳар к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд.” Нигар ҳамчунин ба RFE/RL, “Reading of 11th Century Poet Could Earn More Time For Imprisoned Tajiki Lawyer”, аз 14 декабри соли 2016, https://www.rferl.org/a/tajikistan-lawyer-rights-poem-yorov/28176119.html
(бори охир 17 маи 2017 дастрас шудааст). Иқтибоси мазкур ҳам ба Абуали ибни Сино ва ҳам ба Умари Хайём нисбат дода шудааст.

то 12 сол маҳрумӣ аз озодиро пешбинӣ мекунад. Барои ҷазо додан ҳатто парвандаи ҷиноятии чорум вайро моҳи маи соли 2017 интизор буд. Ин иттиҳомоти нави таҳқири оммавии “пешвои миллат” зоҳиран ба изҳороти вай дар суд ҷавобан ба иттиҳомоти қаллобӣ марбутанд. Ҳамсари вай Зарина Набиева ба гузоришгарон иттилоъ дод, ки Бузургмеҳр Ёров ба суд гуфтааст, ки ҳамчун вакили дифоъ вай ҳамеша дар доираи қонунҳои кишвар, ки аз тарафи президент имзо шудаанд, амал кардааст. Барои ҳамин, агар вай барои қаллобӣ айбдор бошад, ҳама дар ин кишвар айбдор ҳастанд. Минбаъд дар сомонаи мустақили Payom.net нашр шудани ин изҳорот зоҳиран асоси ин иттиҳомоти нав гардидааст.
Аҳли оилаи Бузургмеҳр Ёров натавонистанд вакили дифои мустақиле пайдо кунанд, то вайро дар суд намояндагӣ кунад. Барои ҳамин Зарина Набиева ҳимояи шавҳарашро худаш ба уҳда гирифтааст.[23]

## ҶАМШЕД ЁРОВ

Санаи 22 августи соли 2016 Ҷамшед Ёров, бародари Бузургмеҳр Ёров ва ҳамчунин яке аз вакилони дифоъ дар парвандаи аъзои ҲНИТ, бо иттиҳоми “ифшо кардани сирри давлатӣ” мувофиқи моддаи 311 Кодекси ҷиноятӣ дастгир шуд. Вай барои ифшои матни ҳукми Суди олӣ дар парвандаи роҳбарони ҲНИТ, ки ҳуҷҷати махфӣ ҳисобида мешуд, айбдор карда шуд. Санаи 26 август суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе вайро ба ҳабс гирифт. Санаи 30 сентябр вай дар асоси қонуни авф ба озодӣ баромад. Ҷамшед Ёров ҳимояи муштариёни худро дар парвандаи ҲНИТ идома дод ва ба озори мақомоти амниятӣ рубару гардид. Дар ниҳоят, аз тарси дубора ҳабс шудан вай маҷбур шуд Тоҷикистонро тарк карда ба дунболи ҳифозати байналмилалӣ дар хориҷ шавад.

## МУАЗЗАМАХОН ҚОДИРОВА

Моҳи октябри соли 2015 ва дубора моҳи сентябри соли 2016 вакили дифоъ Муаззамахон Қодирова, ба хатари ба вай ва аҳли оилааш таҳдидкунанда нигоҳ накарда, парвандаҳои Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамовро ҳамчун адвокат ба зимма гирифт. Аксари он адвокатҳое, ки оилаи Бузурмеҳр ба онҳо муроҷиат карданд, аз тарси интиқоми мақомот иштирок дар ин парвандаро рад карданд.

Дар доираи мурофиаи судии пушида алайҳи Бузургмеҳр Ёров ва Нуриддин Маҳкамов Муаззамахон Қодирова воситаи ягонаи иртибот байни онҳову аҳли оилаашон ва ҷомеа буд. Вай ба рузноманигорон ва аҳли ҷомеа гуфт, ки судҳо ягон далели эътимодноке алайҳи муштариёни вай пешниҳод карда натавонистанд ва парванда ангезаи сиёсӣ дорад. Вай торафт аз хатарҳои ин парванда огоҳ мешуд ва аз моҳи ноябри соли 2016 аз амнияти худ ва эҳтимоли интиқоми мақомот нигаронӣ мекард. Санаи 27 декабри соли 2016 Муаззамахон Қодироваро ба Прокуратураи генералӣ даъват карда, вайро оиди фаъолияти касбиаш якчанд соат пурсиш карданд. Вай дарк намуд, ки дар давоми рузҳои охир уро назорат мекунанд.

Моҳи январи соли 2017 Муаззамахон Қодирова ба таври пинҳонӣ фаҳмид, ки алайҳи вай парвандаи ҷиноятӣ бо иттиҳомоти марбут ба фасод омода мешавад. Аз тарси бехатарии худ ва нигаронии ҳар лаҳза ҳабс шудан, Муаззамахон Қодирова Тоҷикистонро тарк намуд ва дар хориҷ ҳифозати байналмилалӣ дархост намуд. Моҳи марти соли 2017 вай ба рузноманигорон гуфт, ки мақомоти Тоҷикистон ӯро барои ифшо намудани маълумоти махфӣ оиди парвандаи Бузургмеҳр Ёров ба васоити ахбори байналмилалӣ муттаҳам намуда, таҳдиди оғози парвандаи ҷиноятиро карда буданд[24]. Ба Бузургмеҳр Ёров аз ҷониби мақомот адвокат таъин карда шуд. Аҳли оилаи вай бо ин адвокат ҳеҷ тамосе надоштанд.

---

[23] Нигар ҳамчунин, Радиои озодӣ ,“Никто из коллег Бузургмехра не хочет взяться за его защиту в суде" (“Not one of Buzurgmekhr’s colleagues is willing to defend him in court”), 13 April 2017, https://rus.ozodi.org/a/28428186.html (бори охир 17 маи соли 2017 дастрас щудааст).
[24]RFERL, “Lawyer for Jailed Tajikistan Human Rights Attorney Flees to Germany”, 30 марти соли 2017, https://www.rferl.org/a/lawyer-jailed-tajikistan-human-rights-attorney-flees-germany/28399757.html (бори охир 17 маи 2017 дастрас щудааст).

# 7. ТАВСИЯҲО

## БА МАҚОМОТИ ТОҶИКИСТОН

- Ҳуқуқҳои инсонии адвокатҳо пурра эҳтиром ва ҳифз шуда, ҳифозати дар меъёрҳои байналмилалӣ, хусусан дар Принсипҳои асосии СММ оиди мақоми адвокатҳо муқарраршуда дар қонун, сиёсат ва амал иҷро карда шаванд;
- Ба зудӣ, мустақилона ва самаранок ҳама гуна иддаои эътимодноки таҳдид, тарсонидан ва.ё бо иттиҳомоти сохта суд шудани вакилони дифоъ тафтиш карда шаванд;
- Дар машварат бо ҷомеаи касбии ҳуқуқшиносон қонунгузории амалкунанда, хусусан тағйиру иловаҳо ба қонун “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” аз нав баррасӣ шуда, он муқаррароте, ки мустақилияти адвокатҳоро маҳдуд мекунанд, аз қонун берун карда шаванд;
- Фавран вакилони дифоъ Бузургмеҳр Ёров, Нуриддин Маҳкамов ва Шуҳрат Қудратов озод карда шаванд. Агар онҳо дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор бошанд, гуноҳи онҳо бояд дар муҳокимаи судии одилона, ки маҷлиси судии ошкоро, баробарии тарафҳо, аз тарафи вакили интихобкарда намояндагӣ шуданро тақозо мекунад, исбот карда шавад;
- Озодии баён ва иттиҳодияҳо барои ҳама эҳтиром карда шуда, хусусан ба озор ва таъқиби мунтақидони ҳукумат, аз ҷумла фаъолони сиёсӣ ва садоҳои мухолиф хотима дода шавад.

## БА ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲОИ ТОҶИКИСТОН

- Мунтазам вайроншавии ҳуқуқи адвокатҳо назорат ва таҳлил гардида, гузориш дода шавад;
- Бо мақомот кор бурда, бо мақсади таъмини ҳақиқии мустақилияти адвокатҳо барои таҳрири қонунгузории мавҷуда кушиш карда шавад.

# БА ҶОМЕАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## БА ШАРИКОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

- Дар вохуриҳои дутарафа ва бисёртарафа бо мақомоти Тоҷикистон парвандаҳои алоҳидаи дар ин гузориш сабтшуда баррасӣ гардида, оиди мухолифи уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон будани кирдори мақомот паёми возеҳ ирсол шавад;
- Талаб карда шавад, ки Тоҷикистон уҳдадориҳои байналмилаии худро дар бахши ҳуқуқи инсон, аз ҷумла озодиҳои баён ва иттиҳодияҳо, ҳуқуқ ба мурофиаи одилона ва тамоми меъёру принсипҳои ба вай алоқамандро ҳимоят кунад;
- Нақзи ҳуқуқи инсонро дар кишвар пайгирӣ карда ва гузориш дода, кушиш кунанд, ки нигарониҳо оиди вазъи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дар ҳар чорабинии дутарафа ва бисёртарафае, ки мақомоти Тоҷикистон дар он иштирок мекунанд, баррасӣ шаванд.

## БА АНҶУМАНИ АДВОКАТҲОИ КАСБӢ

- Чораҳо барои таъмини мустақилият ва ҳимояи адвокатҳо ошкоро дастгирӣ карда шаванд;
- Бо анҷуманҳои байналмилалии адвокатҳо, ҳукуматҳои миллӣ, созмонҳои дахлдори байналмилалӣ ва минтақавӣ ва механизмҳои ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ карда, талаб карда шавад, ки онҳо дар муносибат бо ҳукумати Тоҷикистон масъалаҳои озору таъқиби вакилони дифоъ дар Тоҷикистонро баррасӣ намоянд;

  Парвандаҳои инфиродии адвокатҳои маҳбусро, ки дар ин гузориш ва ҳамчунин аз тарафи дигарон сабт шудаанд, баррасӣ намоянд.

**AMNESTY INTERNATIONAL ҶУНБИШИ ГЛОБАЛӢ БАРОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН МЕБОШАД.**
**АГАР НИСБАТИ ЯК ФАРД БЕАДОЛАТӢ ШАВАД, ИН БА ҲАМАИ МО ДАХЛ ДОРАД.**


CONTACT US

info@amnesty.org

+44 (0)20 7413 5500

JOIN THE CONVERSATION

www.facebook.com/AmnestyGlobal

@Amnesty

# ДАР ИҶРОИ ВАЗИФА

ОЗОРУ АЗИЯТ, ТАЪҚИБИ СУДӢ ВА ЗИНДОНӢ КАРДАНИ АДВОКАТҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон санаи 26 май “Рузи касбии адвокатҳо”-ро ҷашн мегирад. Маҳз дар ҳамин руз 95 сол пеш аввалин иттиҳодияи адвокатҳо (вакилони дифоъ) дар Тоҷикистон ташкил шуда буд. Аммо адвокатҳо барои таҷлили ин ҷашн асоси зиёде надоранд: ин ҷашн ба вакте рост меояд, ки кишвар торафт аз ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун руй мегардонад ва вакилони дифоъ ҳангоми иҷрои вазифаи касбии худ ба монеаҳои бузург дучор мешаванд. Дар Тоҷикистони имруза  адвокат, хусусан  адвокати ҳуқуқи инсон будан маънои бо хатарҳои бемисл рубару шуданро дорад.

INDEX: EUR 60/6266/2017
MAY 2017
LANGUAGE: ENGLISH
amnesty.org

AMNESTY INTERNATIONAL